# مقدمة وغلاف المنتقى من موسوعة الأحاديث النبوية

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон.

Муқаддима

Сипос ва ситоиш Худовандро, ки Парвардигори оламиён аст ва салому дуруди Аллоҳ бар Паёмбар Муҳаммад ва бар аҳлу байт ва ёрони ӯ ва бар касоне бод, ки то рӯзи қиёмат ба неки пайравӣ мекунанд. Аммо баъд:

Бузургтарин чизе, ки як мусалмон пас аз Қуръони Карим бояд ба хондану амал кардан ва омӯхтану тафаккур кардан ба он таваҷҷӯҳ дошта бошад, суннати Расули Аллоҳ (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) аст. Паёмбар (Салому дуруди аллоҳ бар ӯ бод) мефармояд:

«تركتُ فيكم أيُّها الناس، ما إنِ اعتصمتم به، فلن تضلُّوا أبدًا: كتاب الله، وسُنَّة نبيِّه»

"Эй мардум! Дар миёни шумо (чизеро) гузоштам, ки агар ба он пойбанд бошед, ҳаргиз гумроҳ нахоҳед шуд: Китоби Аллоҳ (Қуръон) ва суннати паёмбари Ӯ Таъоло". Дар ривояти Имом Молик. Аллоҳ Таоло мефармояд:

{وَمَا آتَاكُمُ الرَّسُولُ فَخُذُوهُ وَمَا نَهَاكُمْ عَنْهُ فَانْتَهُوا}

"... ва ончи ки Паёмбар ба шумо дод, бигиред ва аз ончи ки шуморо аз он наҳй кард, даст бардоред" (Сураи Ҳашр: 7) Бинобар ин "Ҷамъияти хидматрасонии муҳтавои исломии забонҳо" ва "Ҷамъияти даъват ва роҳнамоии анҷуманҳои хориҷӣ дар Рабва" барои омода кардани Донишномаи ҳадисҳои Паёмбар

(Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) ва тарҷумаи он ба забонҳои гуногун омодагӣ ва таваҷҷуҳи хос намуданд.

Худованди Мутаъол муяссар гардонид то маҷмӯае аз ин донишномаро, ки ҳар як мусалмон дар умури дин ва дунёи худ ба он ниёз дорад, ҳамроҳ бо шарҳи мухтасар ва тавзеҳи маъонӣ ва далолат ва бархе аз фавоиди он, китоберо бо номи: "Ал-Мунтақо мин мавсуъа ал-аҳодис ан-набавия" (Баргузидаҳо аз донишномаи ҳадисҳои набавӣ) ҷамъоварӣ ва номгузорӣ намоем. Тарҷумаи ин асари судманд ба тамоми забонҳои зиндаи ҷаҳон идома дорад, то муҳтавои он ва ин суннати пурмазмуни Расули Худо (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) ба тамоми мардумон ва ба забонҳои худи онҳо расонида шавад.

Аз Худованди Мутаъол мехоҳем ин талоши моро бипазирад ва онро як амали муборак ва холисона барои ризои Худаш бигардонад, ва ҳар касе дар омода, тарҷума ва нашри он саҳми худро мегузорад, подоши нек ато фармояд.

Ва салому дуруди Аллоҳ бар паёмбари мо, ҳазрати Муҳаммад бод.

Гузориши мухтасар:

Ҳадисҳои Паёмбари Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дувумин сарчашмаи шариати исломӣ маҳсуб мешаванд. Худованд дар ин бора мефармояд: «Ва (Паёмбар) аз рӯи ҳавои нафс

сухан намегӯяд. Ин Қуръон ваҳйи илоҳӣ аст, ки ба ӯ илқо мешавад. Он ҷуз панд барои ҷаҳониён чизе нест.» (Сураи Наҷм, оятҳои 3-4) Худованд мефармояд:

{وَمَا يَنْطِقُ عَنِ الْهَوَى (٣) إِنْ هُوَ إِلَّا وَحْيٌ يُوحَى}

"Ва аз рӯи ҳавои нафс сухан намегӯяд" (3)

"[Ин Қуръон] Ваҳй [-и илоҳӣ] аст, ки [ба ӯ] илқо мешавад. Ин [Қуръон] ҷуз панд барои ҷаҳониён [инсон ва ҷин] нест" (Сураи Наҷм: 3 - 4)

Ин баргузида аз «Донишномаи ҳадисҳои набавӣ» шомили маҷмуаи ҳадисҳои мукаммалест, ки ҳар мусалмон дар умури дину дунёи худ ба он ниёз дорад. Дар ин маҷмуа шарҳи кӯтоҳу тавзеҳи маънои калимаҳо ва бархе фоидаҳои ҳадисҳо баён шудааст. Ин ганҷи бузург ба тамоми забонҳои зиндаи дунё тарҷума шуда, то мардуми дунё бо забонҳои худашон аз муҳтаво ва суннатҳои пурмазмуни Паёмбари Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) огоҳ шаванд.

# Фехраст

No table of contents entries found

tg375v1.0 - 04/09/2026